Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод гардидааст

Масъалаи ташаккули худшиносии миллии наврасон, ҷустуҷӯйи роҳҳои таъмини таълими самаранок тавассути педагогикаи халқӣ дер боз мавриди таваҷҷуҳи олимони тамоми дунё қарор гирифтааст. Дар ин хусус як қатор таҳқиқоти илмӣ гузаронида шудаанд, ки имконияти гузоштани заминаҳои илмии асоснокшударо барои муайян намудани шароит дар ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон ба ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ медиҳад.

Рисолаи пешниҳодшуда масоили назариявӣ ва методологӣ, баррасӣ ва муқоисаи вазъияту мушкилоти таъмини таълими самаранок тавассути истифодаи педагогикаи халқӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасонро дар назар дорад.

Асоси таҳқиқоти унвонҷӯйро баррасии озмоишҳои илмии олимони хориҷиву ватанӣ оид ба масъалаи таълими самаранок тавассути педагогикаи халқӣ дар ташаккули худшиносии миллии наврасон ташкил додааст. Ҳалли масъалаи мазкурро унвонҷӯй дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзуи мазкур дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти он нишон додаст.

Дар муқаддима диссертант муҳиммияти мавзуъ, мақсади таҳқиқот, макон, фарзия, вазифаҳои дар назди худ гузошта, кушодани усулҳои таҳқиқ, истифодаи навгониҳои илмӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии кор, ки асоси диссертатсияро муайян мекунад, зарурияти амалӣ кардани онҳоро дар таҷриба ифода мекунад.

Мақсади асосӣ таҳқиқи ҷанбаҳои педагогӣ ва методологии раванди ташаккули худшиносии миллии наврасон мавриди истифодаи педагогикаи халқӣ дар фаъолияти беруназтаълимӣ мебошад.

Унвончӯ дар рисолаи илмии худ аз сарчашмаҳои фаровони илмиву методӣ истифода намуда, дар асоси хулосаҳои дақиқи илмӣ мавзуи таҳқиқотиро дар фаъолияти беруназтаълимӣ муфассал шарҳ дода, навгониҳои илмиро пешниҳод намудааст.

Андешаҳои муаллиф дар пойгоҳи озмоишҳои педагогӣ мавриди омӯзишу санҷиш қарор гирифта, натиҷаҳои бадастомада мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст ва хулосаҳои санҷидашудаву исботшуда ба даст омадааст, ки эътимоднокии таҳқиқотро тақвият додааст.

Дар боби якуми диссертатсия "Асосҳои назариявӣ-амалии ташаккули худшиносии миллии наврасон" номгузорӣ гардида, дар он масъалаҳои ташаккули худшиносии миллии наврасон дар адабиёти психологӣ-педагогӣ ва методӣ, педагогикаи халқӣ ҳамчун заминаи тарбияи маънавию ахлоқӣ ва худшиносии наврасон, роҳу усулҳои ташаккули худшиносии миллии наврасон мавриди истифода аз арзишҳои миллии халқи тоҷик баррасӣ гардида, дастовардҳои педагогикаи муосири тоҷик ва бо назардошти ақидаҳои педагогии ниёгон таҳия шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия «Технологияи ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ» ба корҳои таҷрибавӣ бахшида шуда, масъалаҳои вазъи ташаккули худшиносии миллии наврасон дар замони муосир, корҳои таҳқиқотӣ-озмоишии раванди худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ, таҳияи барнома ва самаранокии истифодаи он дар худшиносии миллии наврасон мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст.

Ба андешаи муаллиф дар самти маърифатнокию ҷаҳонбинӣ наврасон худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва масъулияти шаҳрвандии онҳоро баланд бардоштан лозим аст. Дар ин кор бояд муҳити таълимии мукаммал, ки фаъолияти ҷории таълимӣ, берун аз синфӣ ва берун аз муассисаи таълимиро дар бар гирифта, хусусиятҳои таърихӣ-фарҳангӣ, этникӣ ва минтақавиро дорад, ташаккул дода шавад.

Хулоса, кори илмии пешниҳоднамудаи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ» анҷомёфта ҳисобида

мешавад. Мазмуну муҳтавои автореферат ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
Муовини ректор оид ба корҳои илм ва инноватсияи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф — Сафарбек Собирзода

**Маълумот барои тамос:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нисор Муҳаммад, 15; Телефон: (992372) 227-63-91; почтаи электронӣ: s.sobirov.dti@mail.ru

Имзои Сафарбек Собирзодаро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо
ва котиботи ДҶТИБКСМ — Манучеҳр Ҳабибзода